FAN OLIMPIADALARI MARKAZI

*Iste'dodlarni kashf etamiz!*

IXTISOSLASHTIRILGAN TA'LIM MUASSASALARI AGENTLIGI HUZURIDAGI
FAN OLIMPIADALARI MARKAZI

**2025-2026-O'QUV YILIDA UMUMTA'LIM FANLARI BO'YICHA ASOSIY OLIMPIADANING IKKINCHI TUMAN (SHAHAR) BOSQICHI**

# TOJIK TILI VA ADABYOTI (10-sinf)

FANIDAN

# TEST TOPSHIRIQLARI KITOBI

_______________________________ *Ishtirokchining familiyasi, ismi va otasining ismi*

_______________ *Imzo*

Ushbu test topshiriqlari kitobi 30 ta (1–30) yopiq turdagi test topshiriqlaridan iborat.
Har bir topshiriq uchun ajratilgan ball savol kitobida ko'rsatilgan.
Topshiriqlar yopiq turdagi bo'lib, ularda A, B, C va D javob variantlari berilgan.
Ishtirokchi har bir topshiriq uchun faqat bitta to'g'ri javobni tanlashi va javoblar varaqasida mos keluvchi doirachani to'liq bo'yashi kerak.

*Ajratilgan vaqt: 60 daqiqa*
*Savollar soni: 30 ta*
*Maksimal ball: 50 ball*

Ushbu savollar kitobi 4 sahifadan iborat

**Fan olimpiadalari markazi rasmiy telegram sahifasi.**
@Fan_olimpiadalari_M

Olimpiada topshiriqlari yechimlari ushbu telegram kanalda e'lon qilib boriladi.

© Fan olimpiadalari markazi, 2025

@muallimlar

**1**. **[0,9 ball]** Таркиби калима дар кадом ҷавоб дуруст навишта шудааст?
A) Реша, пешванд, пасванд, таркиб, бандак
B) Реша, пешванд, пасванд, асос, бандак
C) Калима, пешванд, пасванд, асос, бандак
D) Реша, пешоянд, пасоянд, асос, бандак

**2. [0,9 ball]** Бунёдгузори мактаби хамсанависӣ дар адабиёти тоҷик кист?
A) Алишери Навоӣ
B) Абдураҳмони Ҷомӣ
C) Амир Хусрави Деҳлавӣ
D) Низомии Ганҷавӣ

**3. [0,9 ball]** Калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш дӯст доштан, изҳори ишқу муҳаббат кардан аст.
A) Ғазал
B) Маснавӣ
C) Мухаммас
D) Қитъа

**4. [0,9 ball]** Афсонаи “Момогавазни чанбаршох” аз кадом қиссаи Чингиз Айтматов гирифта шудааст?
A) “Киштии сафед”
B) “Қиёмат”
C) “Дурохаи бӯронӣ”
D) “Рӯ ба рӯ”

**5. [0,9 ball]** "Забури Аҷам" маҷмӯаи ғазал, тарона ва маснавиҳои форсӣ мебошад, ба қалами кӣ тааллуқ дорад?
A) Саид Нафисӣ
B) Эраҷ Мирзо
C) Муҳаммад Иқбол
D) Абулқосим Лоҳутӣ

**6. [0,9 ball]** Аввалин ҳикояи кадом адиб “Хаёл. Шабе дар Регистони Бухоро” мебошад?
A) Садриддин Айнӣ
B) Сотим Улуғзода
C) Садри Зиё
D) Ҷалол Икромӣ

**7. [0,9 ball]** Қадимтарин тазкирае, ки то замони мо омада расидааст, ба қалами нависандаи асри XIII Муҳаммад Авфӣ тааллуқ дорад, чӣ ном дорад?
A) “Тазкират-уш шуаро”
B) “Лубобул албоб”
C) “Музокирул асҳоб”
D) “Маҷолисун нафоис”

**8. [0,9 ball]** Сохти калимаҳои “хушбахт, вафодор, тортанак”-ро муайян намоед.
A) Калимаи сохта
B) Калимаи таркибӣ
C) Калимаи содда
D) Калимаи мураккаб

**9. [0,9 ball]** Ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаби “Ман аз меҳмонхона баромадам, дар ҳолате ки аз ин мусоҳиба аз ҳад зиёд хурсанд будам” ба кадом навъи ҷумлаи пайрав мансуб аст?
A) Ҷумлаи пайрави тарзи амал
B) Ҷумлаи пайрави замон
C) Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа
D) Ҷумлаи пайрави монандӣ

**10**. **[0,9 ball]** Дар кадом услуби забон тарзи ифодаҳо соддаву мӯҷаз буда, воситаҳои сершумори ҳамранги қолабӣ, пешояндҳои номӣ, пайвандакҳои таркибӣ ва аъзоҳои чида фаровон истифода мешаванд?
A) Услуби гуфтугӯӣ
B) Услуби илмӣ
C) Услуби бадеӣ
D) Услуби расмии коргузорӣ

**11. [1,5 ball]** “Раиси нав”, “Муҳоҷирон”, “Дар роҳи нав” аввалин ҳикояву очеркҳои кадоме аз ин нависандагон аст?
A) Фазлиддин Муҳаммадиев
B) Фотеҳ Ниёзӣ
C) Ӯрун Кӯҳзод
D) Сотим Улуғзода

**12**. **[1,5 ball]** Ҷумлаи умумишахс гуфта чиро мегӯянд?
A) Ҷумлаҳое, ки дар онҳо мубтадо нест ва онро аз мазмуни ҷумла ҳам фаҳмида намешавад
B) Ҷумлаи яктаркибае, ки хабари он ба воситаи феъли шахси сеюми ҷамъ ифода меёбад
C) Ҷумлаи яктаркибаи бемубтадое, ки бо хабари феълӣ ифода ёфта иҷрокунандаи амал ба ҳамаи шахсҳо як хел муносибат дорад
D) Ҷумлаи яктаркибаи бемубтадое, ки амал, ба воситаи хабарҳои шахси якум ва дуюми танҳою ҷамъ ба вуҷуд омада шахсони муайянро далолат мекунад

**13**. **[1,5 ball]** Аз ҷумлаи “Дар ҷойе бимирад, ки аз дашноми душман ва таънаи дӯст дуртар бошад” ҷойи ҷумлаи пайравро муайян намоед.
A) Пеш аз сарҷумла
B) Баъд аз сарҷумла
C) Дар мобайни сарҷумла
D) Дар мобайни ҷумлаи пайрав

**14**. **[1,5 ball]** Аввалин асари драмавии Сотим

TOM
@muallimlar

B) “Лашкар дар дарвозаи Бухоро”
C) “Калтакдорони сурх”
D) “Аллома Аҳмад ва дигарон”

**15. [1,5 ball]** Саидҷону Муҳаббат қаҳрамонони асосии кадом асари Ҷалол Икромӣ мебошанд?
A) “Тори анкабут”
B) “Ситора”
C) “Ман гунаҳкорам”
D) “Ҷавоби муҳаббат”

**16. [1,5 ball]** Ҷузъҳои ҷонишинҳои таркибӣ чӣ гуна навишта мешавад?
A) Бо тире навишта мешавад
B) Якҷоя навишта мешавад
C) Ҷудо навишта мешавад
D) Бо вергул навишта мешавад

**17. [1,5 ball]** Намуди ибораҳои “дигаре аз онҳо, кадоми шумо” муайян намоед.
A) Ибораи ҷонишинӣ
B) Ибораи исмӣ
C) Ибораи сифатӣ
D) Ибораи зарфӣ

**18. [1,5 ball]** Падараш Мирзо Абдураҳим, ки аз аҳли тиҷорат буд, аз тарафи ҳукмрони онрӯзаи Эрон Шоҳ Аббоси Кабир бо гурӯҳе аз ҳамкасбон ба Исфаҳон кӯчонида шудааст. Сухан дар бораи падари кадом шоир аст, муайян намоед.
A) Бадриддини Ҳилолӣ
B) Сайидои Насафӣ
C) Абдураҳмони Мушфиқӣ
D) Соиби Табрезӣ

**19**. **[1,5 ball]** Ин асар эҳтимолан дар асрҳои II-III ба забони портӣ навишта шуда, баъдтар ба забони форсии миёна таҳриру такмил гардидааст. Матни ин достон аз ҳашсад калима иборат буда, дар атрофи 120 байт эҷод гардидааст. Ин кадом асар мебошад?
A) “Ёдгори Зарирон”
B) “Авесто”
C) “Дарахти Асурик”
D) “Ҷомосбномак”

**20. [1,5 ball]** Муаллифи девонҳои “Фотиҳатуш шубоб”, “Воситатул иқд”, “Хотиматул ҳаёт” кист?
A) Саъдии Шерозӣ
B) Алишери Навоӣ
C) Абдураҳмони Ҷомӣ
D) Камоли Хуҷандӣ

**21. [2,6 ball]** Дар кадом повести Фазлиддин Муҳаммадиев сарнавишти ахлоқии пирони ҳафтодсолаву ҳаштодсола Аҳрорамак ва Зиёбоб тасвир мекунад, ки зиндагии онҳо таҷассуми виҷдони пок, одамият ва собитқадамии инсон дар роҳи бунёдкорӣ ва ғояи олист?
A) “Одамони кӯҳна”
B) “Писари газета”
C) “Шоҳии ягон”
D) “Варта”

**22**. **[2,6 ball]** Муаллифи балладаи “Китобҳои захмин” кист?
A) Мирзо Турсунзода
B) Мӯъмин Қаноат
C) Лоиқ Шералӣ
D) Гулрухсор Сафиева

**23**. **[2,6 ball]** Дар адабиёти бадеӣ яке аз санъатҳои бадеист, ки шоир(образ) ва воқеаҳои бо ҳам муқобилро як ҷо оварда, бо ҳамин ҳодисаҳои мусбат ё манфиро равшану возеҳтар нишон медиҳад. Ин кадом санъат мебошад?
A) Санъати талмеҳ
B) Санъати ташбеҳ
C) Санъати тазод
D) Санъати муболиға

**24. [2,6 ball]** Ҷонишинҳои “худ, хеш, хештан” ба кадом намуди ҷонишин мансубанд?
A) Ҷонишини таъинӣ
B) Ҷонишини шахсӣ
C) Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ
D) Ҷонишини муштарак

**25. [2,6 ball]** Сифатҳои сохтаро муайян намоед.
A) дарун ба дарун, хешу табордор
B) ширин, майда, тоза
C) тозабатоза, ҷоноҷон, ётбарсар
D) занона, ногувор, бебок

**26. [2,6 ball]** Муаллифи достонҳои “Тӯҳфаи дӯстон”, “Лайлӣ ва Маҷнун” ва “Бадоеъус саноеъ” ном асари мансур кист?
A) Аҳмади Дониш
B) Шамсиддин Шоҳин
C) Абдулқодирхоҷаи Савдо
D) Сиддиқии Аҷзӣ

**27. [2,6 ball]**

*Гар бар фалакам даст будӣ чун яздон,*
*Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.*
*В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,*
*К-озода ба коми дил расидӣ осон.*

Жанри шеърро муайян намоед.

@muallimlar

B) ғазал
C) қасида
D) мухаммас

**28. [2,6 ball]** Ҷумлае, ки танҳо аз мубтадо ва хабар иборат аст, чӣ гуна ҷумла мебошад?
A) Ҷумлаи омехта
B) Ҷумлаи тафсилӣ
C) Ҷумлаи мураккаб
D) Ҷумлаи хуллас

**29**. **[2,6 ball]** Дар кадом ҷавоб саволҳои пуркунанда дода шудааст?
A) чӣ хел?, чӣ гуна?, кӣ?, чӣ?
B) кӣ?, киҳо?, чӣ?, кадом?
C) кӣ?, чӣ?, киро?, чиро?
D) чӣ шуд?, чӣ хел аст?, кист?, чист?

**30. [2,6 ball]** Ҷумлаи “Дар осори Сорбон эҷодиёти халқ чун воситаи дарки бадеии воқеияти ҳаёт корбаст мешавад” дар кадом услуби забон навишта шудааст?
A) Услуби илмӣ
B) Услуби бадеӣ
C) Услуби расмии коргузорӣ
D) Услуби публитсистӣ

FOM



@muallimlar